Касе, ки бевазан ва мискинро нигоҳубини мекунад, монанди касест, ки дар роҳи Худо ҷиҳод мекунад ё касе, ки шабҳо намози шаб мехонад ва рӯзона рӯза мегирад

Аз Абуҳурайра ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: "Касе, ки бевазан ва мискинро нигоҳубини мекунад, монанди касест, ки дар роҳи Худо ҷиҳод мекунад ё касе, ки шабҳо намози шаб мехонад ва рӯзона рӯза мегирад."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд, касе, ки ба кумаки зане, ки шавҳараш фавтидааст ва касе надорад ӯро нигоҳубин кунад ва инчунин мискинону муҳтоҷонро ба хотири аҷру подоши илоҳӣ ёрӣ мекунад, ӯ дар аҷру савоб монанди касест, ки дар роҳи Худо ҷиҳод мекунад ё монанди касест, ки бидуни хастагӣ тӯлонӣ дар намози таҳаҷҷуд меистад ва монанди рӯзадоре, ки ифтор намекунад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/3135